

*Халқи тоҷик теғи дармонбахши Синоро гирифт,*
*Теғи дармонбахши Сино рӯи дунёро гирифт.*

# ШИФО

№15 (15) 22.10.2018 | Нашрия аз феврали соли 2018 чоп мешавад | www.moh.tj | nashriyai.shifo@mail.ru

Нашрияи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон



## Сухани Пешвои миллат

Дар назар аст, ки дар се соли минбаъда, яъне то ҷашни сисолагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз зиёда аз 1000 муассисаи тиббии нав – марказу бунгоҳҳои саломатӣ, беморхонаҳо, таваллудхонаҳо барои 10-15 кат, марказҳои ташхис, утоқҳои муҷаҳҳаз барои хатна бунёд ва бо таҷҳизоту лавозимоти муосири тиббӣ таъмин гардонида, ба истифодаи сокинони шаҳру ноҳияҳои кишвар супорида шаванд.

Афзоиши мунтазами аҳолӣ талаб мекунад, ки мо барои соҳаҳои тандурустиву маориф боз ҳам муассисаҳои бештар бунёд кунем.

# ИФТИТОҲИ МАРКАЗИ САЛОМАТИИ ДЕҲОТИ “МЕҲРОБОД”–И НОҲИЯИ ҶАББОР РАСУЛОВ

22 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти “Меҳробод”-и ноҳияи Ҷаббор Расулов Маркази нави саломатиро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Бинои марказ 2 ошёна буда, аз 21 ҳуҷра, аз ҷумла ҳуҷраҳои қабули мизоҷон, иммунизатсия, хуҷраи хатна, доругузаронӣ, таҳлилгоҳ, 10 ҳуҷраи табиби оилавӣ ва 3 ҳуҷраи ёрирасон иборат аст.

Сохтмони бинои муосири маркази саломатӣ моҳи октябри соли 2016 оғоз гардида, моҳи сентябри соли ҷорӣ ба итмом расид.

Дар баробари бунёди Маркази саломатӣ он бо 85 номгӯйи таҷҳизоти тиббӣ, 6 намуд дастгоҳҳои хунуккунӣ, аз ҷумла яхдон барои ниговдории ваксинаҳо, ҷуздон ва ғайра таъмин карда шуданд.

Ғайр аз ин дар доираи лоиҳаи бунёди маркази саломатӣ 31 номгуйи мебелҳои тиббӣ, мизу курсиҳо, рахти хоб, ҷевонҳо ва ғайра дастрас гардид.

Маркази саломати асосан барои маҷмуи хизматрасонии тиббӣ мусоидат карда, дар он 10 нафар табиб, 23 корманди миёнаи тиббӣ ва 2 корманди хурди тиббӣ бо шароити кории хуб таъмин карда шуданд.

Бинои маркази саломатӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Лоиҳаи “Беҳтаркунии хизматрасонии тиббӣ” бунёд шуд.

*www.president.tj*

## Дар мубориза алайҳи вируси норасоии масунияти одам бояд истодагарӣ кард!

Айни замон дар сайёраи замин зиёда аз 36 млн. нафар сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам умр ба сар мебаранд. Ин оморро Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ва Барномаи вижаи Созмони Милали Мутаҳид оид ба пешгирии ВНМО дар дунё аз рӯи пажӯҳише муайян намудааст. Гуфта мешавад, аз оғози эпидемия то имрӯз ин сироят сабаби фавти наздики 40 млн. нафар одамони сайёра гардидааст.

Сирояти вируси норасоии масунияти одам яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаби замон маҳсуб ёфта, таъсири манфии он дар баробари хисороти ҷиддӣ расонидан ба соҳаи тандурустии дунё, инчунин, ба иқтисодиёту иҷтимоиёти кишварҳои ҷаҳон зарба задааст.

Тибқи маълумотҳои расмии созмонҳои

*Идома дар саҳ.5*

**ҶАЛАСАИ ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ ВАЗОРАТ ДОИР ГАРДИД**

саҳ.3

**ФАЪОЛИЯТИ 18 САРТАРОШХОНА МАНЪ КАРДА ШУД**

саҳ.5

**ШАҲРВАНДИ АМРИКО БАРОИ ҶАРРОҲӢ БА ДУШАНБЕ ОМАД**

саҳ.6

**ГИЁҲДАРМОНӢ ТУРШАК**

саҳ.8

## ДАВРАИ СЕЮМИ ОМӮЗИШИИ «МЕНЕҶЕРИ ТАНДУРУСТИИ ҶАМЪИЯТӢ»

***22 октябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе давраи сеюми омӯзишии «менеҷери тандурустии ҷамъиятӣ» расман оғоз гардид.***



Чорабиниро муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саида Умарзода бо сухани ифтитоҳӣ ҳусни оғоз бахшид. Зикр гардид, ки мақсади давраи омӯзишӣ беҳтаркунии малакаҳои идоракунии кормандони соҳаи тандурустӣ дар сатҳи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС) буда, давраи омӯзиши яксола дорои хусусияти инноватсионӣ ва самти амалия мебошад.

Ҳамзамон, дар кори мизи мудаввар директори МД «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Н. Муҳиддинов суханронӣ намуда, аз ҷумла изҳор дошт, ки ин давраи омӯзишӣ аз ҷониби муассиса бо дастгирии Лоиҳаи «Беҳтаркунонии хизматрасонии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ» (ҳамчун Лоиҳаи Сино маъруф аст), ки аз тарафи Агентии Швейтсарӣ оид ба рушд ва ҳамкорӣ маблағгузорӣ карда мешавад, таҳия гардидааст. Бояд гуфт, ки лоиҳаи Сино бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ давоми зиёда аз 15 сол аст, ки ҳамкорӣ менамояд.

Барномаи таълимии давраи омӯзишӣ, ки аз 10 модул иборат мебошад, махсус ба шароити сатҳи КАТС дар Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар чорабинӣ намояндагони шарикон оид ба рушд низ баромад карда, оғози давраи сеюми омӯзишии "менеҷери тандурустии ҷамъиятӣ"-ро боз як қадами дигар дар рушди тибби кишвар маънидод намуданд.

Бояд қайд намуд, ки давраи омӯзишӣ пеш аз ин аллакай ду маротиба гузаронида шудааст ва аз тарафи коршиносони дохилию хориҷӣ баҳои бениҳоят баланд ёфта, фикру ақидаи иштирокчиёни он барои мунтазам беҳтаркунии давраи омӯзишӣ истифода гардидаанд.

**ШИФО**

ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

### *Иштироки вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи сатҳи баланди МУ СММ оид ба мубориза бо бемории сил*

26 сентябри 2018 дар шаҳри Ню-Йорки Штатҳои Муттаҳидаи Америка Вазири тандурустӣ ва ҳифзи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Насим Олимзода дар ҷаласаи сатҳи баланди Маҷмаи Умумии СММ оид ба мубориза бо бемории сил, дар баробари беш аз 120 роҳбарони давлатҳо, ҳукуматҳо ва вазирони кишварҳои аъзои СММ ва дигар намояндагони воломақоми СММ ширкат ва суханронӣ намуд.




Дар суханронии худ Насим Олимзода ба иштироккунандагони ҷаласаи сатҳи баланд роҷеъ ба уҳдадориҳо, дастовардҳои кишвар ва мушкилиҳои ҷойдошта дар самти мубориза бо бемории сил маълумоти муфассал пешкаш намуд.

*www.moh.tj*

## МАРКАЗҲОИ САЛОМАТИИ ШАМОЛДАРА ВА НАВОБОД МАВРИДИ ИСТИФОДА ҚАРОР ГИРИФТАНД

***Хизматрасонии босифати тиббӣ ба мардуми ноҳияву деҳоти дурдасти кишвар, сари вақт расонидани кумаки тиббиву санитарӣ яке аз ҳадафҳои асосии Роҳбарияти Олии кишвар ва сохторҳои дахлдор, ба хусус Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.***

Барои боз ҳам беҳтару хубтар гардонидани сифати хизматрасонии тиббӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии вилоятҳои Суғд ва Хатлон аз ҷониби Лоиҳаи "Беҳтаркунии хизматрасонии тиббӣ", ки дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фаъолият дошта, аз ҷониби Бонки умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешавад, сохтмони чанд маркази саломатии деҳот ба анҷом расид.

Ду маркази навбунёд дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон бо иштироки вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Насим Олимзода, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддин Саид, муовини раиси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон Махфират Хидирзода ва раиси ноҳияи Данғара Маҳмадулло Саидализода мавриди истифода қарор дода шуд. Ифтитоҳи Маркази саломатии "Шамолдара" дар яке аз деҳаҳои дурдасти ин ноҳия имкон фароҳам меоварад, ки ба мардуми маҳаллӣ сари вақт ва бо сифати баланд хизмати босифати тиббӣ расонида шавад. Маркази саломатии "Навобод" дар ҷамоати деҳоти Сангтӯдаро аҳолии маҳал солҳо боз интизор буданд, зеро дар ин деҳа танҳо як хонаи саломатӣ амал мекард, ки ба шароити имрӯза мувофиқ набуд. Имрӯз ин маркази саломатӣ дорои утоқҳои табиби оилавӣ, хонаи машваратӣ, ҳуҷраҳои доругузаронӣ ва эмкунӣ, утоқи махсус барои хатнаи кӯдакон ва утоқи алоҳидаи момодоя мебошад. Ҳамчунин ин марказҳои навбунёд дорои таҳлилгоҳ ва асбобу анҷоми лабораторӣ гаштанд, ки барои таҳлилу ташхиси саривақтии аҳолӣ ва табобати босифати онҳо мусоидат хоҳад кард.

Мавриди ба ёдоварист, ки ин марказҳои саломатӣ бо таҷҳизоти кориву тиббии муосир муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Фаъолияти хуби муассисаҳои навбунёди замонавӣ имкон медиҳанд, ки сатҳи хизматрасонии тиббӣ дар деҳаҳои мазкур ҷавобгӯй ба талаботи давр роҳандозӣ гардида, аҳолӣ аз хизмати босифати тиббӣ бархурдор гарданд.








*www.moh.tj*

### ЮСУФӢ САЛОМУДИН ҶАББОР БА ҲАЙСИ АЪЗОИ ДОИМИИ КУМИТАИ ТАШКИЛОТИ УМУМИҶАҲОНИИ ТАНДУРУСТӢ АЗ МИНТАҚАҲОИ АВРУПОӢ ИНТИХОБ ШУДАНД

Рӯзҳои 17-20 сентябри соли 2018 дар шаҳри Рими Италия сессияи 68-уми Кумитаи минтақавии Аврупоии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ баргузор гардид. Яке аз масъалаҳои асосии дар ин чорабинӣ пешниҳодшуда, интихоби аъзои Кумитаи доимии минтақаи Аврупоии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ буд.

Боиси хурсандист, ки бори аввал намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои тиб, ноиби ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Юсуфӣ Саломудин Ҷаббор ба ҳайси узви Кумитаи доимии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ аз минтақаҳои Аврупоӣ интихоб шуданд. Дар ин сессия намояндаи Австрия низ ба Кумитаи мазкур ба ҳайси узв интихоб гардид. Ёдовар мешавем, ки аъзои Кумитаи иҷроияи минтақаи Аврупоии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ аз 53 мамлакати узви он намояндагони 8 кишвар: Олмон, Гурҷистон, Исроил, Италия, Руминия, Финландия, Австрия ва Тоҷикистон мебошанд.

Барои мо, кормандони соҳаи тандурустӣ ба Кумитаи иҷроияи минтақаи Аврупоии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ интихоб шудани академик Юсуфӣ Саломудин боиси ифтихор аст ва ин пирӯзиро бар устод табрик менамоем.

*www.moh.tj*

# ҶАЛАСАИ ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ ВАЗОРАТ ДОИР ГАРДИД

***Санаи 19 октябри соли 2018 дар маҷлисгоҳи Муассисаи давлатии Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Шифобахш" вобаста ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 9 моҳи соли 2018 ҷаласаи ҳайати мушоварои вазорат доир гардид.***



Рафти баргузории ҷаласаи мазкурро Саида Умарзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ роҳбарӣ намуда, дар кори он сардорони раёсатҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарият ва намояндагони муассисаҳои зертобеи вазорат, сардорон ва сармутахассисони Раёсатҳои тандурустии вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ ва шаҳри Душанбе иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимни сухани ифтитоҳии хеш Саида Умарзода, аз ҷумла иброз намуд, ки кормандон ва намояндагони дар умум соҳаи тандурустии мамлакат, бахусус роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша аз таваҷҷуҳу дастгирии давлату ҳукумат, хоса дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бархурдор буда, барои беҳдошти тандурустии аҳолӣ ва рушди иҷтимоии он пайваста тадбиру чораҳои судманд меандешад.

Татбиқи босамари "Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020", пешгирии паҳншавии ВНМО дар кишвар ва пурзӯр намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ин самт, решакан намудани амалҳои номатлуби коррупсионӣ миёни кормандони соҳаи тандурустӣ ва истифодабарии мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, рушди таҳсилоти тиббию фармасевтӣ, пешбурди сиёсати кадрҳо ва илм, беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ, ҳифзи сиҳатии модарону кӯдакон, вазъи эпидемиологии бемориҳои сироятӣ дар ҷумҳурӣ, татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз мавзӯъҳои меҳварии ҷаласа буданд.

Дар рафти баргузории ҷаласа, инчунин роҳу василаи ноил гардидан ба дастовардҳои нав ба нави соҳа, ҷорӣ намудани усулҳои ҷадиди табобат, беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, обод намудани бунгоҳҳои тиббии деҳот дар муассисаҳои тандурустии манотиқи дурдасти кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар охири кори ҷаласа ҳайати мушовара, ҳамзамон аз камбудиҳои дар соҳа ҷойдошта изҳори нигаронӣ намуда, ҷиҳати ислоҳи саривақтии онҳо ва як қатор дастуроти нав аз ҷумла; ҷудо намудани утоқҳои махсуси хатна дар муассисаҳои тандурустии кишвар, таъмини мутахассисон дар муассисаҳои тандурустӣ, бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба тарзи ҳаёти солим бо мақсади беҳтар намудани сиҳатии аҳолӣ, бурдани корҳои ободонӣ дар муассисаҳои тандурустии кишвар, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ, баланд бардоштани сатҳи дониши касбии мутахассисони соҳа, беҳтар намудани сифати назорати занони ҳомиладор дар деҳот, то охири сол гузаронидани муоинаи тиббии мактаббачагон, санҷиши кумакҳои унвонии ҳифзи иҷтимоӣ ба аҳолӣ, омодагӣ ба давраи зимистони солҳои 2018-2019 дар муассисаҳои тандурустӣ, санҷиши ҳолати санитарии биноҳои баландошёна дар шаҳри Душанбе, риояи либоси ягонаи кормандони тиб, иҷрои дастур ва супоришҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳайати мушовараи Вазорат ба роҳбарият ва намояндагони муассисаҳои зертобеи вазорат, сардорон ва сармутахассисони Раёсатҳои тандурустии вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ ва шаҳри Душанбе дастур ва супоришҳои мушаххас доданд.

***www.moh.tj***

# Омӯзиш ва расонидани ёрии методӣ ҷиҳати гузаронидани хизматрасониҳои давлатӣ

Дар толори бинои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 10 октябри соли равон бо мақсади омӯзиш ва расонидани ёрии методӣ ҷиҳати гузаронидани хизматрасониҳои давлатӣ вохурии намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарият ва кормандони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар рафти баргузории ҷамъомад Насим Олимзода вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мирхумиддин Кадани ёрии методӣ дар вазорату идораҳо ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ рӯи даст гирифта шудааст.

Дар ҷамъомад намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба омодасозии лоиҳаи Қонун "Дар бораи хизматрасонии давлатӣ" зарурат ва дурнамои татбиқи он дар кишвар муфассал суханронӣ намуданд.

Дар навбати худ намояндагони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фарқияти хизматрасониҳои давлатӣ аз дигар хизматрасониҳо ва ҷой додани тафовути он дар лоиҳаи Қонун "Дар



молзода, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорони раёсатҳои ниҳоди мазкур ва дигар шахсони расмӣ иштирок намуданд.

Маврид ба тазаккур аст, ки вохурии мазкур дар доираи дастури роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 сентябри соли 2018 оид ба омӯзиш ва расонибораи хизматрасонии давлатӣ" фикру ақоиди худро баён намуданд.

Маврид ба тазаккур аст, ки мақсад аз баргузории ҷамъомади мазкур ин ба таври комил, инчунин ҷавобгӯй ба талаботи замони муосир омода сохтани лоиҳаи Қонун "Дар бораи хизматрасонии давлатӣ" ва дар заминаи он беҳбуд гардонидани рӯзгори мардум равона гардидааст.

***www.moh.tj***

# МУҲОКИМАИ НАТИҶАҲОИ БАҲОГУЗОРИИ АМАЛИСОЗИИ "СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ СОЛИМИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2010-2020"

***Субҳи 16 октябри 2018 дар Маҷмааи давлатии "Душанбе Плаза", воқеъ дар пойтахти кишвар, шаҳри Душанбе, вобаста ба муҳокимаи натиҷаҳои баҳогузории амалисозии "Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020" ҷамъомад баргузор гардид. Чорабинии мазкурро Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади натиҷагирӣ аз рафти татбиқи "Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020" ташкил намуд.***

Дилором Содиқова, ёрдамчии вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон кори ҷамъомади мазкурро роҳбарӣ намуда, дар рафти он сардорони раёсатҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Игор Поканевич, роҳбари Намояндагии Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарият ва намояндагони сохторҳои тандурустии шаҳру вилоятҳои кишвар, намояндагони Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар Тоҷикистон, роҳбарият ва кормандони шарикон оид ба рушд иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дилором Содиқова бо сухани ифтитоҳӣ ба чорабинӣ ҳусни оғоз бахшида, вобаста ба мавзӯи "Таҳияи сиёсати миллӣ: ҳоло мо дар куҷо карор дорем ва нақшаҳои мо кадом аст", маърӯза намуд.



Мавзӯи аслии дигаре, ки дар рафти баргузории ҷамъомад мавриди муҳокима қарор гирифт, ин таҳияи ҳуҷҷати нави «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» буд.

Чорабинӣ то шоми рӯзи 16 октябри соли равон идома ёфта, иштирокчиёни он рафти татбиқи "Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020", натиҷаҳои баҳогузории амалисозии старетегияи мазкурро муҳокима намуда, ҳамзамон, зарурат ва дурнамои таҳияи ҳуҷҷати нави «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»-ро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор доданд.

***www.moh.tj***


ОДАФТ
-------- 150 --------
Флуконазол таблетки
Синтетическое противогрибковое средство из группы триазолов
Показания:
▷ Вагинальный кандидоз;
▷ Ротоглоточный и пищеводный кандидоз;
▷ Криптококковый менингит;
▷ Кандидозные инфекции мочевыводящих путей и перитонит;
▷ Системные кандидозные инфекции;
▷ Профилактика кандидоза у пациентов, получающих цитотоксическую и/или лучевую терапию после трансплантации костного мозга.
1 таблетка
ОДАФТ
150
Флуконазол таблетки
ТОВАР СЕРТИФИЦИРОВАН


ВОЛШЕБНАЯ СИЛА ТРАВ
Устраняет кашель и боль в горле
Освежает полость рта
■ Без притовопоказаний
■ Не вызывает побочные эффекекты
100 мл
ТРАВИСИЛ™
Травяной сироп от кашля
Plethico
Pledged to Ethics
СПРАШИВАЙТЕ В АПТЕКАХ


НИМЕЗ™
Быстрое и безопасное действие при повышенной температуре и боли
● Ревматоидный артрит и остеоартрит;
● Воспаления мягких тканей;
● Лихорадка;
● Боль;
● Головная боль;
● Зубная боль.
1 x 10 таблеток
Нимесулид таблетки 100 мг
НИМЕЗ™
Быстрое и безопасное действие при повышенной температуре и боли
СПРАШИВАЙТЕ В АПТЕКАХ
Plethico
Pledged to Ethics


МЕТРОГИЛ ДЕНТА
МЕТРОГИЛ ДЕНТА
Показания к применению
Инфекционно-воспалительные заболевания пародонта и слизистой оболочки полости рта:
— острый и хронический гингивит;
— острый язвенно-некротический гингивит Венсана;
— острый и хронический пародонтит;
— юношеский пародонтит;
— пародонтоз, осложненный гингивитом;
— афтозный стоматит;
— хейлит;
— воспаление слизистой оболочки полости рта при ношении протезов;
— постэкстракционный альвеолит;
— периодонтит, периодонтальный абсцесс
ТОВАР СЕРТИФИЦИРОВАН

# ДАР МУБОРИЗА АЛАЙҲИ ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ БОЯД ИСТОДАГАРӢ КАРД!

*Идома аз саҳ.1*

номбурда дар соли 2014 шумораи ҳодисаҳои нави ин сироят дар муқоиса бо солҳои пешин коҳиш ёфта, паҳншавии ин эпидемияи марговар дар ҷаҳон тамоил ба пастравӣ намуд, ки ин яке аз дастовардҳои ҷаҳонӣ дар мубориза алайҳи ВНМО ба шумор меравад. Дар ин замина сол то сол сатҳи фавти сироятёфтагони ВНМО низ паст гардида, нисбати соли 2004, ки шумораи аз ҳама зиёди фавт дар ҷаҳон 2 млн нафар ба қайд гирифта шуда буд, ба 42 фоиз кам гардид. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки дар панҷ соли охир шумораи шахсони бо ВНМО зиндагикунанда, ки ба табобат дастрасӣ пайдо намудаанд, ду маротиба зиёд гаштааст.

Мутаассифона, шумораи сироятёфтагони ВНМО дар ҳамаи давлатҳои минтақаи Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, ки Тоҷикистон шомили он мебошад, рӯ ба афзоиш дорад.

Ба ақидаи мутахассисон масъалаи асосӣ он аст, ки дар байни давлатҳои минтақа ҳолати эпидемиологии сирояти ВНМО нисбатан муътадил буда, паҳншавии ин вирус дар 100 000 нафар аҳолии кишвар ба 115,7 нафар баробар аст. Ин дар ҳолест, ки ин нишондод дар Федератсияи Россия 751,8 нафар, дар Ҷумҳурии Украина 729,1 нафар, дар Ҷумҳурии Қазоқистон 145,4 нафар, дар Ҷумҳурии Қирғизистон 131,2 нафар ва дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон 127,5 нафарро ташкил медиҳад.

Мутахассисони соҳа ва мушовирони байналмилалӣ ҳолати эпидемиологии вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун ҳолати «эпидемияи ҷамъшаванда, яъне марҳилаи консентратсионӣ» арзёбӣ намуда, паҳншавии онро бештар дар байни гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ нашъамандони тазриқӣ, шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо маънидод менамоянд.

Тадқиқотҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки аз 100 нафар нашъаманди тазриқӣ дар ҷумҳурӣ 13 нафараш ва аз 100 нафар занони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ 4 нафараш олудаи ВНМО буда, хавфи ба оила, фарзандон ва шариконй ҷинсии онҳо гузаштани он хеле зиёд арзёбӣ мегардад. Ҳарчанд солҳои охир сатҳи паҳншавии ВНМО дар миёни намояндагони ин гурӯҳҳо кам гардида бошад ҳам, ҳолатҳои сироят намудани оила, фарзандон ва шарикони ҷинсии онҳо кам нестанд.



Коршиносон бар он назаранд, ки яке аз сабабҳои аслии таи солҳои охир мушкил шудани пешгирии сирояти ВНМО, ки дар натиҷа ба паҳншавии ин вирус миёни аҳолии дар умум сайёра гардидааст, ин муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба бемории ВНМО яке аз гурӯҳҳои осебпазир буда, ба болоравии сатҳи сироятёбии аҳолӣ бо ин беморӣ дар ҷаҳон мусоидати зиёд намудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи имрӯзаи инкишофаш, ҳамчун кишвари дорои сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ арзёбӣ мегардад, ин бори гаронро низ бар дӯш дорад.

Ба иқрори коршиносон шумораи муайяни сокинони кишвари мо бо мақсади беҳтар намудани вазъи иқтисодии оилавиашон ба дигар давлатҳо, ки ҳолати эпидемиологии онҳо оид ба сирояти ВНМО дар муқоиса бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ташвишовартар мебошад, сафар мекунанд. Дар муҳоҷирати меҳнатӣ бошад, эҳтимолияти гирифторшавӣ ба мушкилиҳои иҷтимоӣ, ба монанди нашъамандӣ, майзадагӣ, сироятшавӣ бо бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ ва хун гузаранда зиёд мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зиёда аз 90 фоизи шавҳарони занони ҳомиладори бо ВНМО умр ба сар баранда, дар гузашта дар муҳоҷирати меҳнатӣ будаанд ва алоқаи ҷинсии бемуҳофизатро инкор намекунанд.

Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа ҷаҳонӣ дар муқовимат ба эпидемияи ВНМО, бо давлатҳо ва созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ фаъолона ҳамкории густурдаеро бароҳ мондааст ва дар фаъолияти хеш дар ин самт, ҳамаи ҳуҷҷатҳои муҳими Асамблеяи генералии Созмони Милали Мутаҳид, аз ҷумла эъломия оид ба пайравии фаъолият нисбати мубориза алайҳи ВНМО ва БПНМ аз соли 2001 ва эъломияи сиёсӣ оиди ВНМО ва БПНМ таҳти шиори «Беҳтар намудани фаъолиятҳо баҳри нобуд сохтани ВНМО ва БПНМ» аз соли 2011 - ро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 боз як ҳуҷҷати муҳим - Стратегияи Барномаи муштараки Созмони Милали Мутаҳид оид ба пешгирии ВНМО барои солҳои 2016-2021, ки ба пурзӯр намудани фаъолиятҳо баҳри барҳам додани эпидемияи ВНМО то соли 2030 бахшида шудааст ва яке аз бахшҳои муҳим дар чаҳорчуби расидан ба Ҳадафҳои рушди босубот мебошад, қабул намуд. Ҳадафи асосии ин ҳуҷҷат дастоварди 90/90/90 буда, он ба таври зайл маънидод мегардад:

90% сироятёфтагон то соли 2020 нисбати бемории худ бояд огоҳӣ дошта бошанд;

90 % сироятёфтагон, ки нисбати бемории худ огоҳӣ доранд, бояд табобати зиддиретровирусӣ гиранд;

90% сироятёфтагоне, ки табобати зиддиретровирусӣ мегиранд, пастшавии сарбории вирусӣ ба мушоҳида мерасад.

Коршиносони соҳа бар он назаранд, ки дар сурати расидан ба ин ҳадафҳо системаи иммунии шахсони бо ВНМО зиндагикунанда боқувват боқӣ мемонад ва хатари паҳншавии вирус аз шахси сироятёфта ба дигарон кам мешавад.

Ҳадафу вазифаҳои ин ҳуҷҷати муҳим бо ҳолати кунунии эпидемияи ВНМО дар ҷумҳурӣ ҳамоҳанг гардида, онҳо бевосита дар “Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020” инъикос гардидаанд.

Дар доираи иҷроиши ин ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми хизматрасониҳо, аз ҷумла муоинаҳои гуногун ва таъмини доруворихои зиддиретровирусӣ ба сироятёфтагони ВНМО ба таври ройгон сурат мегирад. Давлат тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои одамони бо ВНМО сироятёфта, расонидани кумакҳои тахассусии тиббӣ ва иҷтимоию равонии босифату ройгонро ба афроди бо ВНМО умр ба сар баранда ва аъзои оилаи онҳо кафолат додааст.

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 январи соли 2018 дар баромадашон таъкид намуда буданд; “Пешгирии як қатор бемориҳои ҷанбаи иҷтимоидошта, аз ҷумла вируси норасоии масунияти одам кори дастаҷамъона буда, аз ҳамаи қишрҳои ҷомеа масъулияти ҷиддиро талаб менамояд”.

Дар самти пешгирии ин сироят, ки таъсири манфии он ба оила, ҷомеа ва дар умум ба генофонди миллӣ мерасад, мусоидати тамоми сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ, аз ҷумла соҳаи тандурустӣ, соҳаи маориф, бахши ҷавонон, бахши занон ва оила, бахши меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мақомотҳои қудратӣ, васоити ахбори омма, ҷамоатҳо ва созмону иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хеле зарур мебошад.

**Суғдмеҳри Маъруфзод**

# ФАЪОЛИЯТИ 18 САРТАРОШХОНА МАНЪ КАРДА ШУД

Сарраёсати Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилояти Хатлон тибқи дастуру супоришҳои Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баромадашон дар рӯзи 1-уми сентябр дар Донишгоҳи давлати тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, аз 18 сентябр гурӯҳҳои кориро таъсис дода, фаъолияти сартарошхонаҳо, кошонаҳои ҳусн ва ҳуҷраҳои дандонпизишкиро мавриди санҷиш қарор дод.

Чунончӣ аз Маркази матбуоти Сарраёсати номбурда хабар доданд, аз 18 то 24 сентябр фаъолияти 29 сартарошхона, 20 кошонаи ҳусн ва 13 адад ҳуҷраҳои дандонпизишкии шаҳри Бохтар мавриди санҷиш қарор гирифт.

Дар рафти санҷиш дар коргоҳҳои номбурда камбудиҳои зиёд; аз қабили ба талаботҳои санитарию эпидемиологӣ ҷавобгӯ набудан, риоя накардани ҳуҷҷатгузориҳои зарурӣ ва нигоҳ доштани маводҳои доруворӣи мухлати истифодабариашон гузашта ошкор ва ба қайд гирифта шуд.

Дар асоси камбудиҳои ошкоршуда фаъолияти 18 коргоҳи сартарошхонаҳо, 7 адад кошонаҳои ҳусн ва 1 адад ҳуҷраи дандонпизишкӣ манъ карда шуд.

Ҳамчунин нисбати 5 нафар табибони ҳуҷраҳои дандонпизишкӣ барои риоя накардани қоидаҳои муомилот бо маводҳои доруворӣ парвандаи ҳуқуқвайронкунӣ тартиб дода шуда, ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ ҷаримабандӣ карда шуданд.



Сарраёсати Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтмиоии аҳолӣ дар вилояти Хатлон аз шаҳрвандон даъват мекунад, ки ҳангоми истифодаи хизмати сартарошхонаҳо, кошонаҳои ҳусн ва ҳуҷраҳои дандонпизишкӣ аз маводҳои як дафъа истифодашаванда корбурд намоянд. Ҳамчунин ба муҳлати маводҳои доруворӣ ва ороишию гигиенӣ диққат бидиҳанд. Дар сурати пайдо шудани шубҳа ба Сарраёсати Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилояти Хатлон муроҷиат кунанд.

Бояд гуфт, ки санҷишҳо дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтари вилоят идома хоҳанд ёфт.

***www.moh.tj***

# ШАҲРВАНДИ АМРИКО БАРОИ ҶАРРОҲӢ БА ДУШАНБЕ ОМАД



**Директори Маркази миллии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон Саидмаҳмуд Исмоилзода: «Ҳолати саломатии бемор баъд аз ҷарроҳӣ хуб аст»**

*Тавре ВАО иттилоъ доданд, табибони тоҷик субҳи 10 октябр дар Маркази миллии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон дар Душанбе ҷарроҳии табдили гурдаи Маҳшед Ҳомидӣ, ҳамсари Иброҳим Ҳомидӣ, маъруф ба Эбӣ, ҳунарманди шинохтаи эронитабори муқими Амрикоро анҷом доданд. Баъд аз рӯзи дуюми ҷарроҳии пайванди гурдаи Маҳшед Ҳомидӣ табибон дар суҳбат ба хабарнигори АМИТ «Ховар» Ибодат ДАВЛАТЗОДА ҳолати беморро хуб арзёбӣ намуданд.*

Директори Маркази миллии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон Саидмаҳмуд Исмоилзода чунин изҳор дошт: «Бемор ба Марказ 10 рӯз пеш аз ҷарроҳӣ ворид гардида буд, мо ӯро барои ҷарроҳии пайванди гурда омода кардем. 10 октябр амалиёти ҷарроҳӣ бомуваффақият анҷом дода шуд. Айни ҳол вазъи бемор хуб мебошад».

Тавре Радиои «Озодӣ» навиштааст, Эбии 69-сола бо ҳамсараш Маҳшед 27 сол қабл дар Амрико издивоҷ карда будааст. Ӯ дар суҳбат бао хабарнигорон изҳор намуд тамоми таронаҳои ошиқонаашро дар васфи Маҳшед сурудааст ва бо гузашти ин солҳо оташи ишқу муҳаббаташ ба ҳамсар кам нашудааст. Бо он ки овозхони маъруфи таронаҳои “Ҳарири сабз”, “Дилтангам” ва дигарҳо пушти дари ҷарроҳӣ бо журналистони Радиои Озодӣ хеле боҷуръатона суҳбат мекард, вале эҳсос мешуд, ки садояш каме меларзад. Вақте чанде аз дӯстонаш ба назди ӯ омаданд, чашмонаш пур аз об шуд ва чеҳрааш тар шуд. Эҳсосе, ки натавонист пинҳон кунад.



Ба гуфтаи ин овозхон, ҳамсари 53-солааш чанд соли охир аз дарди гурда ранҷ мекашид ва ниҳоят дӯстони табибаш тавсия доданд, ки ҷарроҳии пайвандсозиро дар Тоҷикистон анҷом диҳад.

Бояд зикр намуд, ки ҳунарманди шинохтаи эронӣ Иброҳим Ҳомидӣ, ки мухлисонаш ӯро бо номи Эбӣ мешиносанд, айни ҳол бо оилааш дар Амрико умр ба сар мебарад. Эбӣ хонандаи саршиноси попи эронӣ мебошад, ки охири солҳои 70-ум машҳур шудааст ва дар мамлакати мо низ мухлисони зиёд дорад.

Дар давоми 50 соли овозхонӣ Эбӣ беш аз 20 албоми сурудҳояшро сабт карда, зиёда аз 100 консерти худро дар кишварҳои гуногун баргузор намудааст.

Иброҳим Ҳомидӣ ҳангоми ҷарроҳии ҳамсараш ба Тоҷикистон омада буд ва баъд аз анҷоми амалиёти ҷарроҳӣ, ки муваффақона анҷом ёфт, субҳи дирӯз ба Амрико баргашт.

Тавре директори Марказ изҳор дошт, «дар вақти ҷарроҳии пайвандсозӣ ҳунарманд Эбӣ, писараш Фаршед Ҳомидӣ ва дӯстону наздиконашон ҳузур доштанд. Баъд аз он, ки ҳолати ҳамсараш хубтар шуд, Эбӣ ба Амрико баргашт ва рӯзҳои наздик боз ба Тоҷикистон хоҳад омад».

Бо иттилои ҳамсуҳбат, ба Маҳшед Ҳомидӣ гурдаи яке аз хешовандони наздикаш пайванд карда шуд ва феълан ҳолати он нафар низ хуб буда, аз шуъбаи эҳё ба ҳуҷраи табобатӣ интиқол дода шудааст. Маҳшед Ҳомидӣ пас аз ҷарроҳӣ муддати 10 рӯз дар беморхона зери назорати духтурони тоҷик мемонад. Баъди пурра барқарор шудани саломатиаш метавонад ба ватанаш баргардад.

Мавриди зикр аст, ки давоми соли равон дар Маркази миллии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон ба зиёда аз 25 нафар шаҳрвандони хориҷӣ амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида шуд. Инчунин ба 108 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон ҷарроҳи пайвандсозӣ гузаронида шудаст, аз ҷумла ба 95 нафар ҷарроҳии пайванди гурда ва ба 16 нафари дигар ҷарроҳии пайванди ҷигар.

Ин аз таҷриба, малака ва сатҳи баланди тахассусии ҷарроҳони Маркази миллии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон дар шаҳри Душанбе дарак медиҳад.

*www.khovar.tj*

# САЛОМАТӢ ГАВҲАРИ БЕБАҲОСТ!

***Ба дасти худ гирифтани шахсони солим, ҳифз намудани онҳо аз бемориҳо, ҳидоят кардани онон ба тарзи зарурии ҳаёт, барои табиб аз рӯйи виҷдон аст, зеро аз бемориҳо ҳифз намудан, нисбат ба муолиҷаи онҳо сабуктар мебошад ва ин вазифаи аввалиндараҷаи табиб будаву ҳаст.***

**М.Я. Мудров**

Дар Оинномаи Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ)-и соли 1946 муқаррароти «Солимӣ ҳамчун асос, мавҷуд набудани ягон беморӣ ё бетобӣ мебошад, аммо ин ҳолати осудаҳолии пурраи ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоӣ, ки ҳангоми он одам худ ба худ ва бо муҳити атроф дар мутаносибӣ (гармония) ҳаёт ба сар мебарад» дода шудааст.

Дар тасаввуроти бештари одамон солимӣ бо ҳиссиёти хуррамиҳои ҳаёт, фаъолияти фаъолона дар меҳнат ва рӯзгор алоқаманд мебошад. Барои ҳамин ҳам ба он ҳамчун ба арзиши аз ҳама бузург муносибат менамоянд.

Инсони солим бо фаъолияти мутақобилаи муносиби ҳамаи системаҳои вуҷуд, бо мутобиқшавии нисбатан сабук ба шароитҳои тағйирёбандаи муҳити атроф, муқовимати калон ба ангезандаҳои гуногун фарқ мекунад.

«Солимӣ – ин бузургие мебошад, ки дар ҳудуди он ҳар як одам ё гурӯҳи одамон аз як ҷониб метавонанд хоҳишҳо ва эҳтиёҷоти худро қонеъ гардонад, аз ҷониби дигар бошад муҳити атрофро тағйир бидиҳанд ё онро саришта кунанд (ғолиб бароянд). Барои ҳамин солимӣ ҳамчун сарчашмаи ҳаёти ҳамарӯза баррасӣ карда мешавад, на ҳамчун мақсади зиндагӣ; вай консепсияи мусбат мебошад, ки захираҳои иҷтимоӣ ва шахсӣ, ҳамчунин имкониятҳои ҷисмониро дар бар мегирад».

Муқарраroти мазкур бисёрчена будани табиати солимиро эътироф менамояд. Ба ин маънӣ солимиро ҳамчун захираи қувваҳои ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, қобилият доштан ба мутобиқшавӣ ва ғолиб омадан аз болои вазъиятҳои гуногун баррасӣ намуд.

Чӣ кор кардан зарур аст, то ин ки солим бошед?

Барои пурҷӯшу хурӯш (зиндадилона) ҳаёт ба сар бурдан, эҳтиёҷоти одамон бояд инҳоро дар бар бигиранд:

• Дастгирии дигар одамон, то он ки якҷоя бо онҳо зиндагӣ намуд ва худро боваринок ва барои ба дигарон ва вазъияти атрофи онҳо умед бастан қобилият доштанро ҳис намуд;

• Имкониятҳои инкишофи ҳисси ҷойи худ дар олам, ки ҳисси худҳурматкунӣ ва масъулиятнокиро дар назди дигарон дорад;

• Малакаҳо ва имкониятҳои солимӣ имконияти асосиро барои зиндагонӣ кардан – имконият барои одами алоҳида, барои умум ва барои умуман ҷомеаро ифода менамоянд.

Стратегияи «Солимӣ барои ҳама» шароитҳои зерини заруриро нисбати солимӣ муайян менамояд:

- Сулҳ ва озодӣ аз хавфу бими ҷанг;
- Инкишофи имкониятҳо барои ҳама;
- Қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои асосӣ:

1. ғизо;
2. таҳсилоти ибтидоӣ;
3. таъминоти об ва беҳдоштӣ (санитария);
4. манзили муътадил;
5. кори бехатар ва нақши фоидаовар дар ҷамъият;

- Иродаи сиёсӣ ва дастгирии ҷамъият.

***Маҳакҳои (меъёрҳо) солимии инсон***

Барои солимӣ аломатҳои асосии зерин аз ҳама хос мебошанд:

- Таъмини амнияти (маҳфузмонии) системаҳо ва узвҳои одам;
- Мутобиқшавандагии фардӣ ва баланди вуҷуд ба муҳити физикӣ ва иҷтимоии барои вай хосбуда ва ниҳоят маҳфузмонии аҳволи муқаррарии он, ки ҳама вақт барометри осудаҳолии рӯҳӣ ва иҷтимоии хассос мебошад.

Ба солимӣ ва шодкомӣ (ҳаётдӯстӣ, зиндадилӣ), аз он ҷумла қобилияти тарангшавии бардавоми таваттури мушакҳои бадан, ки дар навбати аввал дар тарзи исти одам (тахтапушти рост, китфҳои паҳн, сари болобардошташуда), қомати бовиқорона, чаққонӣ, фаъолӣ, хастанашавандагӣ ва бемислии ақл, бартарӣ доштани чеҳраи хурсанд, бардамӣ ва некбинии зиндадилона ифода меёбад, хос мебошад.

Баръакс хастагӣ, заифӣ, дардмандӣ дар пастшавии таваттур (тонус), бемадорӣ, мушакҳои ба майли худ буда (тарзи исти хамида, китфҳои фуромада, тахтапушти хамидақомат, сари хам); душворӣ, сустӣ, танбалии фикрронӣ, ақидаи бенишоту маъюсона ба ҳаёт, аҳволи вайрон, мутаассирӣ, нороҳатӣ ифода меёбад.

- Маҳакҳои (меъёрҳо) солимии рӯҳӣ.
- Муносибати танқидкорона ба вазъиятҳои ҳаётӣ;
- Қобилияти худидоракунии рафтор мутобиқи меъёрҳои дар коллективҳои гуногун муқарраркардашуда;
- Мувофиқии вокунишҳо ба вазъиятҳои ҷамъиятӣ (муҳити иҷтимоӣ);
- Ҳисси масъулият барои насл ва аъзоёни наздики оила;
- Ҳисси доимият (устуворӣ, тағйирнопазирӣ) ва яксонии таассуротҳо дар вазъиятҳои якхела;
- Қобилияти тағйир додани рафтор вобаста аз тағйирёбии вазъиятҳои ҳаётӣ;
- Худсобиткунӣ дар коллектив;
- Қобилияти банақшагирӣ ва амалисозии роҳи ҳаётии худ.

Солимӣ ба мо ҳамчун неъмати бузург дода мешавад, бояд дар хотир дошт, ки туҳфаи абадии табиат намебошад. Барои онро доштан дар навбати аввал маҳфуздории фаъолияти муътадили тамоми вуҷуд лозим мебошад, аммо аз кӯдакии бармаҳал. Олимон исбот намуданд, ки таҳкурсии солимӣ то таваллуд шудани кӯдак, ҳамчунин дар марҳилаи тифлӣ ва кӯдакӣ гузошта мешавад.

Одам аз ҷавонӣ бояд нақш ва аҳамияти солимиро дар ҳаёти худ бифаҳмад. Дар ин маврид онро аз одатҳои бад нигаҳ доштан, омӯзонидани қоидаҳои беҳдошт, омӯхтани реҷаи оқилонаи рӯз, ба варзиш ҳамроҳ кардан осон мегардад.

Маркази гузоштани қувваи тиб бояд на танҳо бемор, балки ба дараҷаи пурра одами солим низ бошад.

**Рофиева Ҳалима Шарифовна,**
*мудири бахши бемориҳои дил, номзади илмҳои тиб, унвонҷӯи доктори илмҳои тиб, аълочии соҳаи тандурустӣ*





# ДАР ҶАВОНӢ ДОР ПИРОНРО АЗИЗ!

***Таҳти ҳамин унвон, санаи 1 октябри соли равон дар Муассисаи давлатии Театри таҷрибавии тамошобини ҷавон ба номи М. Қосимов ба муносибати "Рӯзи куҳансолон" чорабинии идонаи фарҳангию фароғатӣ баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ муовини Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Муинӣ Мавсума Муинзода, намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи И. Сомонӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Шӯрои собиқадорони ҷанг ва меҳнати шаҳри Душанбе, Заводи протезию ортопедии шаҳри Душанбе, Шифохонаи парастории ҳамшираҳои шафқат, Марказҳои саломатии шаҳрии №1, 2, 3, 4, 6, 7, 9, 10, Маҷмааи тандурустии "Истиқлол", кормандон ва истифодабарандагони шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи ноҳияҳои И.Сомонӣ, Фирдавсӣ, Сино, Шоҳмансур, ташкилоти байнидавлатии "Ҳамкорӣ бо Россия" (Россотрудничество), Маркази православиянии Тоҷикистон, Ҷамъияти тоторҳои "Умед", Маркази геронтологии Тоҷикистон, бошандагони будубоши муваққатӣ ва хизмати рӯзонаи Муассисаи давлатии Маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбони шаҳри Душанбе, васоити ахбори омма- хабарнигорони телевизионҳои Тоҷикистон, Ҷаҳоннамо, Душанбе, Сафина, радиоҳои Тоҷикистон, Овози тоҷик, Садои Душанбе, рӯзномаҳои Минбари халқ, Паёми Душанбе, Шифо, Мароми пойтахт, Народная газета, Омӯзгор ва дигар сокинони пойтахт иштирок намуданд.

Ба ифтихори "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", бахшида ба "Рӯзи куҳансолон" толорҳо ва саҳнаи Театри таҷрибавии тамошобини ҷавон ба номи М. Қосимов бо шиору овезаҳои идона оро дода шуда буданд. Аксҳо аз лаҳзаҳои зиндагии пиронсолон, маҳсули ҳунарҳои дасти бошандагон, рамзу нигораҳои миллӣ ба тамошо гузошта шуданд. Китобҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон манзури иштирокдорон гардиданд.

Қабл аз оғози маҳфил, хонандагони мактаби бачагонаи мусиқии ба номи М. Аминзода меҳмонони расмиро зери садои мусиқии миллӣ пешвоз гирифтанд.

Сипас, меҳмонон аксҳо аз лаҳзаҳои рӯзгори куҳансолон, намоиши ҳунарҳои дастии бошандагонро бахшида ба"Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" тамошо карданд.

Дар оғози чорабинӣ аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба насли калонсоли ҷомеа чун нигоҳдорандагони анъанаҳои аҷдодӣ ва сарчашмаи хираду дониш ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ қироат карда шуданд.

Зимни суханронии худ муовини Раиси шаҳри Душанбе Муинӣ М. оиди рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун самти муҳими кишвар, барномаҳои муҳими Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷиҳати дастгирии пиронсолон, дастгириву ғамхориҳои доимии Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба солхӯрдагони пойтахт ибрози андеша намуд.

Баъдан дар фазои тантанавӣ бошандагони фаъол ва кормандони ботаҷрибаи Маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбони шаҳри Душанбе, кормандони иҷтимоии шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи ноҳияҳои И.Сомонӣ, Фирдавсӣ, Сино, Шоҳмансур, барои ҳамкориҳои дуҷониба Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Театри таҷрибавии тамошобини ҷавон ба номи М. Қосимов бо ифтихорномаву сипосномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

Дар қисми мусиқӣ-адабии чорабинӣ хонандагони литсеи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри душанбе ба номи Н. Сафар, гурӯҳи рақсии кӯдаконаи "Ситора", Ҳунарпешаи Шоистаи Тоҷикистон, овозхони ансамбли "Дарё" Муҳаррама Шарифова, сароядани Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С.Айнӣ Пайрав Аюбӣ, ҳаваскор Зухро Суярова ҳунарнамоӣ карданд.

Дар қисми дуюми маҳфили фарҳангӣ таҳти унвони "Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз" намоишномаи "Ватандорӣ" бар асъори Лоиқ Шералӣ аз тарафи ҳунарпешагони Театри таҷрибавии тамошобини ҷавон ба номи М.Қосимов манзури аҳли толор гардонида шуд.

Дар хотима директори Маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбони шаҳри Душанбе Муҳаббат Зарипова суханронӣ намуда, ба куҳансолон, ки дар пешрафти ҳама соҳаҳои ҷумҳурӣ меҳнати арзанда кардаанд, дар тарбияи чандин наслҳои ҷавон саҳми шоиста доранд, изҳори миннатдорӣ намуд.

Инчунин, дар доираи чорабинӣ барои 150 нафар бошандагон ба нафақахӯрони танҳои пойтахт дар Маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбони шаҳри Душанбе хӯроки нисфирӯзии идона ташкил карда шуд. Ҳамзамон, аз тарафи шахсони саховатманд ба пиронсолон тӯҳфаҳо тақдим карда шуданд.

Мавриди зикр аст, ки дар чорабинӣ гурӯҳҳои "Ҷавонони дастёр"- донишҷӯёни факултетҳои тиббӣ ва фармасевтии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва маҳфили "Эко Плюс"-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон кумак расониданд. Дар ороиши идона ороишгарони ҷавони "Фотех декор" саҳмгузор гардиданд.

**ШИФО**

## ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ЗИЁДА АЗ 12 ҲАЗОР КӮДАКОН АЗ АМАЛИЁТИ ХАТНА ГУЗАРОНИДА ШУДАНД



Ташкил гардидани ҳуҷраҳои махсусгардонидашудаи ҷарроҳӣ барои гузаронидани хатнаи кӯдакон ва гузаронидани амалиёти хатна ба таври ройгон, маҳз зери фаъолияти густурдаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи иҷрои дастур ва супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Ҳамин аст, ки дар доираи иқдоми мазкур дар кулли муассисаҳои тандурустии кишвар фаъолияти ҳуҷраҳои махсусгардонидашуда барои хатнаи кӯдакон роҳандозӣ гардида, гузаронидани амалиёти хатна ба таври безарар ва ҷавобгӯй ба талаботи давр бо муваффақият идома дорад. Аз ҷумла, дар вилояти Хатлон 203 ҳуҷра ташкил шуда, то ба имрӯз 12368 нафар кӯдакон аз амалиёти хатна гузаронида шуданд.

Маврид ба тазаккур аст, ки иқдомоти мазкур бо мақсади беҳтар намудани дастрасии хизматрасонии тиббӣ ба кӯдакон, танзими заминаи ҳуқуқии татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 августи соли 2017 рӯи даст гирифта шудааст. Дар ин доира, инчунин фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2018 оид ба «Тартиби гузаронидани амалиёти хатнаи кӯдакон», аз 18 майи соли 2018 "Дар бораи тасдиқи ҳуҷҷатҳои бақайдгирию омории соҳавии муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаронидани амалиёти хатнаи кӯдакон" ва аз 2 июли соли 2018 "Дар бораи тасдиқ намудани рӯйхатҳои таҷҳизоти зарурӣ барои ҳуҷраҳои хатнаи кӯдакон" ба тасвиб расида, айни ҳол амалӣ шуда истодаанд.

***www.moh.tj***



## ТУРШАК

Туршакро (ба лотинӣ – Rumex/rumex acetosa) дар боғот зироат мекунанд ва дар ҳолати хомияш мехӯранд. Таъмаш турш аст. Ин растаниро ба русӣ "щавель" меноманд. Мизоҷаш дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст.

Хислатҳои шифобахши он: оби баргҳои туршакро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад ва даруни даҳанро, агар шамолхӯрда бошад, шифо мебахшад.

Баргашро бихӯранд, хуморро дафъ мекунад, иллати қайкуниро, ки сабабаш ҷамъ шудани сафро дар меъда бошад, бозмедорад; беҳузур (беҷо) шудани дилро, ки сабабаш бисёрии сафро бошад, манъ мекунад. Баъзе касон ба гил хӯрдан ва ҳамчунин чизҳои раддӣ истеъмол кардан одат карда бошанд, агар туршакро истеъмол намоянд, ислоҳи ҳол мегардонад. Хӯрдани туршак зардпарвинро дафъ мекунад, ҷигари гармизоҷро қувват медиҳад, тафси меъда ва ташнагиро таскин медиҳад, ба таом иштиҳо меоварад, заҳри каждумро аз бадан дафъ месозад.

Агар туршакро пухта бихӯранд, дарунро мулоим мегардонад ва бо татум ҳамроҳ карда бихӯранд, решҳои рӯдаҳо ва харошида шудани сатҳи даруни рӯдаҳоро шифо мебахшад. Инро дар об ҷӯшонида, он обро бо шароб даромехта бинӯшанд, барои шифои зардпарвин нафъ дорад.

Туршакро пухта, баъд бо равғани зайтун бирён намуда, ба даруни он кашниз, андак зира ва оби анор дохил карда бихӯранд, даруни равонгаштаро мебандад. Пухтаи онро бо шароб хамир карда гузошта банданд, иллати ханозер, варамҳои баногӯш, шукуфаи пӯст ва доғи песро шифо мебахшад; агар ба ҷойи шароб сиркоро ба кор баранд, иллатҳои сипурзро беҳ мегардонад.

Туршакро кӯфта, бо равғани гули сурх ва заъфарон хамир сохта гузошта банданд, решҳоеро, ки рутубаташон ба асал мемонад, сиҳат мекунад, вале истеъмоли он ба дарун пушти камарро (боҳро) зарар дорад. Дар ин ҳолат шарбатҳоро истеъмол намоянд, ин зиёнаш ислоҳ меёбад. Миқдори як бор хӯрдан аз он дар як рӯз то 75 грамм аст.

Мизоҷи тухми туршак дар дараҷаи якум сард ва дар дуввум хушк аст. Тухми инро бихӯранд, барои бемориҳои дил, меъда, ҷигар, рӯдаҳо ва дафъ кардани заҳрҳо дармон мешавад; инчунин дилтапакро, ки сабабаш ё зиёд шудани хун, ё афзудани моддаи сафро бошад, шифо мебахшад; тафсидани меъда ва зардпарвинро дафъ мекунад, захми рӯдаҳоро сиҳат месозад, қуввати заҳри каждумро дар бадан мешиканад. Агар инро бирён карда бихӯранд, исҳолҳои хунин (дезинтерия), сафровӣ ва исҳоли аз ҷигар содиршавандаро манъ мекунад. Агар бисёртар бирён карда бихӯранд, дарунро мебандад, ҳатто шах мекунад. Бар зидди заҳри каждум ин давои ба дараҷае устувор аст, ки агар касеро, ки тухми инро хӯрда бошад, ӯ аз ин озор ва ранҷ намеёбад, вале туршак ва қисмҳои онро ба дарун аз ҳад зиёд истеъмол кунанд, ба гурда ва сипурз зарар дорад. Дар ин маврид арпабодиён ва қанд бихӯранд, ислоҳи зарар менамояд. Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз тухми туршак то 7 грамм аст.

Агар решаи туршакро кӯфта гузошта банданд, захм, шукуфаи пӯст, милкак ва кафидани нохунро шифо мебахшад; агар бо орди ҷав омехта гузошта банданд, хориши баданро барҳам медиҳад; вале инро пухта, бо сирко хамир карда, аз рӯ гузошта банданд, варами сипурзро таҳлил медиҳад. Онро танҳо ба гардан овезанд, ханозерро барҳам медиҳад.

Решаи онро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, зардпарвинро, ки аз афтодани гиреҳ бошад, шифо мебахшад, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад.

**ШИФО**

## ДАРГУЗАШТИ ШЕХОВ АБДУКАРИМ ҶАЛОЛОВИЧ



Кормандони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бино бар даргузашти Сардори Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ Шехов Абдукарим Ҷалолович сахт андӯҳгин буда, ба наздикон ва пайвандони марҳум аз даргоҳи илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд. Рӯҳашон шоду хонаи охираташон обод бошад.

Шехов Абдукарим Ҷалолович санаи 10 марти соли 1959 дар деҳаи Гулободи совети қишлоқи Меҳнатободи ноҳияи Восеъ ба дунё омада, аз соли 1966 то 1974 дар яке аз мактабҳои миёнаи ноҳияи Восеъ таҳсил кардааст. Баъди хатми синфи ҳаштум ба Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб дохил шуда, онро соли 1977 бо ихтисоси дорусоз хатм намудааст. Фаъолияти корияш аз соли 1977-1978 дар дорухонаи №72-и ноҳияи Восеъ ба ҳайси дорусоз оғоз гардидааст. Соли 1978-1980 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат намуда, баъд аз адои хизмат, соли 1980 ба факултаи педиатрияи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дохил шуда, соли 1986 онро хатм кардааст.

Соли 1986-1987 курси интернатураро дар базаи клиникаи ҷарроҳии кӯдаконаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино хатм карда, соли 1987 бо роҳхати комиссияи тақсимоти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноҳияи Совет (ҳозира Темурмалик) фиристода шуда, дар он ҷо то соли 1991 ба ҳайси духтури ҷарроҳи кӯдакона фаъолият намудааст.

Аз соли 1991 то соли 1993 курси пурраи ординатураро дар базаи клиникаи ҷарроҳии кӯдаконаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино гузашт. Аз соли 1993 то соли 1996 ба ҳайси духтури ҷарроҳи кӯдакона дар Беморхонаи клиникии ҷумҳуриявӣ ба номи А.М. Дяков (ҳозира Маркази миллии тиббӣ) ва ҳамчун мудири шуъбаи ҷарроҳии кӯдакона фаъолият намуда, баъдан, тӯли солҳои 1996-1997 вазифаи ҷонишини аввали сардухтури беморхонаи мазкурро бар уҳда дошт. Солҳои 1997-2000 духтури шуъбаи тарако-обдоминалӣ дар беморхонаи номбурда фаъолият карда, солҳои 2000-2004 дар вазифаи ҷонишини сардухтур оиди кӯдакон фаъолият намудааст.

Аз соли 2004 то соли 2006 ба ҳайси сармутахассиси Маркази лоиҳаи ислоҳоти соҳаи тандурустӣ, баъдан аз соли 2006 то 2009 ба ҳайси директори Маркази лоиҳаи мазкур кор кардааст. Аз соли 2009 то соли 2011 ҳамчун Директори Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемориҳои сил, аз соли 2011 то 6 январи соли 2014 Директори Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои вазифа намудааст. Аз 6 январи соли 2014 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сардори Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ таъин гардид.

Ӯ дар тӯли фаъолияти пурсамари меҳнатияш ҳамчун номзади илм бо унвонҳои фахрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардидааст:

- унвони фахрии "Аълочии тандурустии Тоҷикистон";
- медали "Хизмати шоиста";
- нишони сарисинагии "Аълочии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ";
- унвони фахрии "Корманди шоистаи Тоҷикистон".

Марҳум Абдукарим Ҷалолович дар давоми умри кӯтоҳ ва пурбаракати худ тавонистааст, дар дилу дидаи мардум ва роҳбарону кормандон ҳамчун шахси далеру шуҷоъ, меҳнаткашу меҳрубон ва ғамхору дилсӯзи мардум нақш бандад. Аз хотираҳои нек ва самимияти ин шахси наҷиб, агар соатҳо ҳарф занем, кам аст, фақат мегӯем, рӯҳашон шоду хонаи охираташон обод бошад. Ёди неки марҳум дар дилу дидаи мо – кормандони соҳаи тиббӣ кишвар абадан боқӣ хоҳад монд.

Зиндаву ҷовид монд, ҳар кӣ накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.





*Муассис: Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

ШИФО

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**Олимзода Насим Хоҷа** - вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Умарзода Саида Ғайрат** - муовини якуми вазир

**Одиназода Азиз Абдусаттор** - муовини вазир

**Камолзода Мирҳамуддин** - муовини вазир

**Содиқова Дилором Нуруллоевна** - ёрдамчии вазир

**Бекмуродзода Султон Бекмурод** - сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Холзода Абдулҳаким Қувват** - директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Бибихонум Дарвешзода** - директори Маркази матбуоти вазорат

●

**Сармуҳаррир Эҳсон Турсунов**

**Котиби масъул, тарроҳ: Компони Абдуназар**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

**Суғдмеҳри Маъруфзод**
**Зайнаб Анварӣ**
**Иброҳим Ятимов**

●

**Ҳафтанома таҳти №058/РЗ-97 аз 20 – уми феврали соли 2018 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.**

●

**- Барои риояи гуногунандешӣ матолибе низ ба табъ мерасанд, ки мухолифи дидгоҳи ҳайати эҷодист. Дурустии далелу рақамҳо бар дӯши муаллифон аст.**

**- Дар ҳафтанома аз маводҳову матолиби интернет низ истифода мегарданд.**

**- Маводҳо дар шакли электронӣ, бо ҳуруфи Times New Roman, андозаи 14 қабул карда мешаванд.**

●

**Ҳафтанома дар ҶДММ "Мега - принт" ба табъ расид. Теъдоди нашр 5000 нусха**

**Нишонӣ: 734025, ш.Душанбе, кӯч. Шевченко 69, тел.: 44-600-60-02**